**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 133-01/2с
аз «03» 12 соли 2019

Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи «Қоидаи талабот ба таъмини бехатарии радиатсионӣ ҳангоми муоличаи нурӣ бо манбаъҳои радионуклидии пӯшида» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 октябри соли 2019 аз ҷониби Агентӣ ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 25 октябр то 25 ноябри соли 2019 гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Дар таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи зикргардида риоя нашудани тартиби мукаррароти қисми якуми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мушоҳида мегардад.

Аз ҷумла:

- талабот оид ба намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаи шакли чопӣ бо як мазмун пешниҳод нагардидааст;

- талабот оид ба доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад, пурра ва мушаххас нест. Доираи шахсони ҳуқуқие, ки санди меъёрии мазкур нисбати онҳо паҳн мегардад, муайян кардан мувофиқи мақсад мебошад. Аз ҷумла, шаклҳои муассисаҳои тиббӣ;

- талабот оид ба тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад, ба таври умумӣ пешбинӣ гардидааст;

- талабот оид ба ифодаи мақсадҳои дахолати давлат пурра шарҳ дода нашудааст. Ба ғайр аз маълумоти инъикосшуда, ҳамзамон мақсади аз ҷиҳати ҳуқуқӣ танзими масъаларо инъикос намудан ба нафъи кор мебошад;

- шарҳи талабот оид ба тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот маълумоти дахлдор пешниҳод карда нашудааст;

- шарҳи талабот оид ба тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) пурра пешниҳод карда нашудааст. Роҳҳои дигари ҳал бошад нишон додан лозим аст, дар акси ҳол қайд бояд кард, ки роҳҳои ҳал вуҷуд надорад;

- талабот оид ба арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот ба таври умумӣ пешбинӣ гардидааст. Новобаста аз он, ки дар доираи маблағҳои буҷетӣ барои фаъолияти Агентӣ пешбинишуда амалӣ карда мешаванд, он бояд муфассал арзёбӣ карда шавад. Аз ҷумла, оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии он;

- талабот оид ба нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он баҳогузорӣ ва муайян карда нашудааст;

Дар сурати бо дарназардошти талаботи қисми якуми моддаи 36 қонуни зикргардида пешниҳод намудани таҳлили таъсири танзимкунӣ, он аз ҷониби Марказ такроран мавриди баррасӣ карор дода мешавад.

Директор Саидзода И.Ҳ.

Иҷро кард: Зарифов У.
Тел: 227-46-71